# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Ғуломов Абдулқодир Маҳмадраҳимович дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ – башарӣ (охири асри XX — ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Кори диссертатсионии Ғуломов Абдулқодир Маҳмадраҳимович яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, муносиботи кишварро бо Созмони ҳамкории исломӣ дар заминаи равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башарӣ таҳлил менамояд. Дар диссертатсия асосҳои таърихии ташаккули ҳамкориҳо, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ мешаванд.

Муҳимияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он на танҳо робитаҳои Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломиро (минбаъд - СҲИ) аз назари таърихӣ таҳқиқ мекунад, балки инчунин омилҳои асосии сиёсии ташаккули ин ҳамкориҳоро бо такя ба манбаъҳои гуногун ва таҳлили омилҳои дохилӣ ва байналмилалӣ меомӯзад. Ин таҳқиқот ба рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, метавонад барои таҳияи стратегияҳои ҳамкории байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишвар заминаи муҳим фароҳам оварад.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки бо дарназардошти нақши афзояндаи Созмони ҳамкории исломӣ дар муносибатҳои байналмилалии муосир ва иштироки фаъоли Тоҷикистон дар сохторҳои он, зарурати таҳқиқи амиқи ин робитаҳо беш аз пеш муҳим мегардад. Диссертатсияи пешниҳодшуда, бо баррасии масоили калидӣ, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои узви СҲИ, дорои

аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, яке аз аввалин таҳқиқоти илмӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсия, муаллиф осори муҳаққиқони мактабҳои гуногуни илмиро оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, сиёсат ва иқтисоди кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Бо дарназардошти гуногунҷанба будани муносибатҳои Тоҷикистон бо СҲИ, муаллиф адабиёти мавҷударо ба таври муайян гурӯҳбандӣ ва таҳлил намуда, самтҳои асосии рушд, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои ҳамкориҳоро муайян кардааст. Дар заминаи таҳлил ва натиҷагириҳои адабиёти мавҷуда, инчунин бо такя ба воқеияти ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СҲИ, муаллиф андешаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои хосеро пешниҳод намудааст.

Заминаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи кишвар, қонунҳо, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ мебошанд, ки ба танзими муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ рабт доранд. Ҳамчунин, таҳқиқот ба таҳлили санадҳои расмии Созмони ҳамкории исломӣ, созишномаҳо, қарорҳои қабулшуда ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии ин ниҳоди байналмилалӣ такя мекунад.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СҲИ-ро дар ҳамбастагӣ бо равандҳои дигари геосиёсӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо истифода аз сарчашмаҳои аввалия ва дуюмдараҷа, инчунин таҳлилҳои муқоисавӣ, ӯ кӯшиш намудааст, ки механизми ташаккул ва таҳаввули ҳамкориҳо, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро муайян созад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар дақиқии маълумотҳо, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди амиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот таҷассум меёбад.

Натиҷаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳо дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили илмӣ пешниҳод шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ ба тавсеаи муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо дар чаҳорчӯбаи сиёсати «дарҳои боз» ва таҳаввулоти муҳими даврони охири асри XX ва оғози асри XXI равона гардида аст. Дар рисола аввалин маротиба кушиши таҳқиқи амиқи илмӣ оид ба муносибатҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ва СҲИ, бо дарназардошти шароити сиёсиву таърихии минтақа, таҳия ва таҳлил шудааст. Пажӯҳишҳо ва тавсияҳои ҷиддӣ дар самти густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-башарӣ байни Тоҷикистон ва СҲИ, бо асоси таҳлили авзои муосир, пешниҳод гардидаанд. Дурнамоҳои минбаъда ва имкониятҳои нави ҳамкориҳо дар заминаи равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳти муҳокима қарор гирифта, барои таҳкими минбаъда ва ташаккули муносибатҳои муассир бо СҲИ тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз мушаххас кардани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ва инчунин масъалаҳое, ки аз ҳамин мавзуи мустақили таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, иборат аст. Диссертатсия ба дарки масъалаҳо ва дурнамои рушди муносибот миёни ду субъекти равобити байналмилалӣ мусоидат намуда, самтҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-башариро дар миёни онҳо дар шароити воқеияти нави геополитикӣ бозгӯ мекунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд барои сохторҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парламенти кишвар, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту муассисаҳое, ки ба фаъолияти байналмилалӣ машғуланд, муфид бошад. Имкон дорад, ки маводи диссертатсия дар рафти минбаъдаи омӯзиши ин проблемаи мушкили илмӣ ва тадриси курсҳо доир ба муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва этнополитология истифода шаванд.

Таҳқиқоти системавии омилҳои асосии таърихӣ-динӣ ва сиёсӣ-иқтисодии ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба СҲИ имкон медиҳад арзёбиҳо роҷеъ ба дурнамои афзалиятҳои он ба таври назаррас хеле баланд бардошта шаванд. Тавсияҳои амалии таҳияшуда доир ба истифодаи муносибати пураҳамияти ҷорӣ бо СҲИ бобати ба даст овардани манофеи муфид метавонанд ҳангоми банақшагирии ҳамкориҳои ҶТ бо СҲИ истифода шаванд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро методҳои умумиилмӣ ташкил дода, инҳо таҳлили системавӣ, таърихӣ-муқоисавӣ ва таҳлили омилӣ бо назардошти принсипҳои таърихият ва объективият мебошанд. Дар рисола ҳамчунин методҳои таҳлилӣ, ки бештар ба таҳлили таърихӣ–сиёсӣ хос аст, истифода шудааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши байнисоҳавӣ истифода бурда шуд, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот алоқаманд буда, ҷанбаҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои таърихнигорӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ ва ғайра омӯхта шудаанд.

Сохтор ва мазмуни асосии диссертатсия аз мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот бармеояд. Диссертатсия аз номгӯи ихтисорот, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия иборат мебошад.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ дар асоси талабот ва дархостҳои санадҳои меъёрӣ иншо гардида, қоидаҳои тавсифи масъалаҳои ташкили таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ба инобат гирифта шудаанд. Яъне, талаботи низомномавӣ ва дастурамалҳои меъёрии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сохтори диссертатсия ва ба расмиятдарории он пурра риоя гардидаанд.

Дар боби якум “Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар бознигарии таърихӣ (солҳои 1969-1992)” - ба таври умум, таҳлилҳои амиқ ва таҳқиқоти муфассал дар бораи таъсис ва рушди СҲИ, таъсири он ба

равобити байналмилалии Тоҷикистон ва нақши он дар сиёсати ҷаҳонӣ пешкаш карда мешавад. Зербоби якуми ин боб “Заминаҳо ва сабабҳои таъсиси Созмони ҳамкории исломӣ ва ташаккули он ҳамчун субъекти сиёсати ҷаҳонӣ” ном дошта, муаллиф масъалаҳои назариявӣ-методологии омузиши фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавиро ҳамчун субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар низоми равобити байналхалқии муосир дида баромада, дар ин қарина замина ва сабабҳои таъсис гардидани Созмони ҳамкории исломиро аз нигоҳи тозаи илмӣ таҳлил кардааст. Дар зербоби дуюми боби аввал - “Таъмини асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: марҳилаҳои асосии рушд” қайд мешавад, ки аз лиҳози методологӣ, барои он ки рушди муносибатҳо ва тағйирёбии ҷойгоҳ ва аҳамияти СҲИ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст дарк бинамоем, бояд масъалаи мазкур дар қаринаи омилҳои асосии барқарор гардидани робитаҳо ва ташаккули ҷойгоҳи сиёсӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин созмон баррасӣ гардад.

Дар боби дуюм рисола “Самтҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: проблемаҳои асосӣ ва тамоилҳои рушд (солҳои 1992 -2022)” масоили мухталифи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар формати дуҷониба ва бисёрҷониба бобати рушди муносибот дар бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ – башарӣ, дар масъалаҳои ҳамкориҳои муштарак дар давраи таърихии солҳои 1994 -2022 мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми рисола “Ташаккул ва такмили робитаҳои иқтисодӣ, молиявӣ – инвеститсионӣ ва алоқаҳои байни парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ” ба динамикаи рушди муносибот миёни ҶТ ва СҲИ оиди ташаккули равобит дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар формати дуҷониба ва бисёрҷониба диққати асосӣ дода шудааст. Зербоби дуюми боби дуюми рисола “Рушди ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ – башарӣ: фарҳанг, маориф, илм ва технология” ном дорад. Аз нуқтаи назари муаллиф,

ташаккули пойгоҳи (базаи) сиёсӣ – иқтисодӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои маорифу фарҳанг, илм технологияи нав шароити мусоид фароҳам овард.

Дар зербоби якуми боби сеюми рисола " Имконоти захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир " самтҳои муносиботи шарикӣ ва имконоти мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дида баромада мешавад. Дар зербоби якуми боби сеюми рисола " Имконоти захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир " самтҳои муносиботи шарикӣ ва имконоти мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дида баромада мешавад. Зербоби дуюми боби сеюм "Ҳолат ва дурнамои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ" номгузори шуда дар он муаллиф дурнамои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фаъолияти СҲИ дар асоси самтҳои асосии робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба нишон дода, афзалияти рушди ҳамкориҳоро бо ин созмон муайян кардааст.

Ҳамин тавр, дар рисолаи мазкур таҳқиқот ва таҳлилҳои амиқ оид ба таъсиси Созмони ҳамкории исломӣ ва равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин созмон дар давраҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Паҳлуҳои муҳими таҳқиқот, ки дар ин кори диссертатсионӣ баррасӣ шудаанд, шомили таҳлили заминаҳо ва сабабҳои таъсиси СҲИ, таҳияи асосҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистон бо ин созмон, инчунин баррасии муносиботи иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар бо СҲИ дар солҳои 1992-2022 мебошанд.

Ҳамзамон, дар хулосаи таҳқиқот, муҳаққиқ натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро ба таври мушаххас нишон додааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 5 мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуданд. Инчунин, диссертант дар мавзӯҳои таҳқиқотӣ дар 3 конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ва семинарҳои илмӣ баромад намуда, нуқтаҳои асосии онро мавриди баҳси илмӣ қарор додааст.

Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳимияти он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд. Сахми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешниҳодҳои андешаҳое, тавсиф ва таҳдиди мафҳумии проблемаҳое, хулосаи таҳлилӣ, пешниҳодҳои мушаххас ва интишороти ӯ собит мегарданд.

А.М. Ғуломов дар кори диссертатсионӣ мавзӯи муҳим ва аҳамияти илмию таърихии «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ – башарӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)»-ро баррасӣ намудааст. Вай ба таҳқиқи равандҳои мураккаби ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ дар давраи охири асри XX ва ибтидои асри XXI таваҷҷӯҳ намуда, мушкилот ва дурнамои ин ҳамкориро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳлил мекунад. Муаллиф нақши стратегӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистонро бо назардошти сиёсати СҲИ таҳлил мекунад. Дар ҳамин замина, дар кори диссертатсионӣ таъкид гардидааст, ки Тоҷикистон дар назар дорад, ки дар ҳамкорӣ бо СҲИ дар мубориза бо терроризм, маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳо дар роҳи рушд ва субот дар минтақа кӯмак кунад. Муаллиф инчунин ба таҳлил ва баррасии фаъолияти созмон дар бахшҳои фарҳангӣ-башарӣ ва ташаккули механизмҳои ҳамкорҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ки барои рушди робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲИ муҳим аст, муроҷиат мекунад.

Кори диссертатсионӣ ба таври мантиқӣ ва систематикӣ таҳия гардида, ҳамаи маводҳои таҳқиқотии илмӣ ба таври амиқ ва муфассал таҳлил шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада имкониятҳои нав барои тақвияти робитаҳо ва таъмини амният дар минтақаро ошкор месозанд. Тавсияҳои диссертант метавонанд барои таҳияи стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтарсозии муносибатҳои дуҷониба бо давлатҳои аъзои СҲИ ва таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои амният, иқтисод ва фарҳанг истифода шаванд. Онҳо барои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва барномаҳои таълимӣ муфид буда, инчунин барои баланд бардоштани нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ва истифодаи самараноки барномаҳое, ки СҲИ пешниҳод менамояд, кӯмак мерасонанд.

Дастовардҳои муаллифи диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, метавонанд ба беҳтар шудани фаҳмиши амиқ ва рушди ояндаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ мусоидат намоянд. Таҳқиқоти муаллиф донишҳоро дар бораи ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин созмон васеъ мекунад, махсусан дар ҳошияи тағйирёбии вазъи байналмилалии муосир.

А.М. Ғуломов дар кори диссертатсионии худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлил ва натиҷагириро нишон дода, қобилияти баланде барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро аз худ нишон додааст. Кори диссертатсионии ӯ ба таври таҳқиқотию таҳлилӣ ва таснифотӣ таълиф шуда, дар он дар асоси андешаҳои муаллиф, ҳолатҳои илмӣ ва назариявӣ, инчунин амалии масъалаҳои мавриди омӯзиш ба таври зарурӣ таҳия гардидаанд.

Кори диссертатсионӣ пажуҳиши илмии мустақилона мебошад. Муҳтавои диссертатсияи Ғуломов Абдулқодир Маҳмадраҳимович бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисосҳои илмии 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) комилан мувофиқат менамояд.

Ба назари мо, кори диссертатсионии А.М. Ғуломов дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ – башарӣ (охири асри XX — ибтидои асри XXI)» рузмаррагӣ ва навгонихоро ба таври барҷаста таҷассум

намуда, ба талаботхо оид ба диссертатсияхо дар мавриди дарёфти дарачаи илмии номзади илм мувофик буда, муаллифи он сазовори дарачаи илмии номзади илмхои сиёсӣ аз руи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) комилан мувофиқат менамояд мебошад.

Кори диссертатсионии А.М. Ғуломов дар мавзӯи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ – башарӣ (охири асри XX ─ ибтидои асри XXI)» рӯзмаррагӣ ва навгониҳои таърихии марбут ба ин мавзӯъро таҷассум мекунад. Кори таҳқиқотӣ ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессори
кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ
ва дипломатияи факултети таърих
ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Саидов Ҳ.С.

734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
МБТО «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон».
Тел. (корӣ): (+992 37) 227-85-24
E-mail: info@rtsu.tj
Сомонаи расмии муассиса: http://www.rtsu.tj

Имзои Ҳ.С. Саидовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

«22» 08 соли 2025